Ба Шурои дисертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: 734064, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

ТАКРИЗ

ба автореферати дисертатсияи Исоев Аслиддин Шамсудинович дар мавзӯи "Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд" аз рӯи ихтисоӣ 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст.

Дар шароити таҳаввулоти босуръати низоми молиявии ҷаҳонӣ, рушди устувори бахши маблағгузории хурд (ТМХ) мақоми калидӣ дорад. Ташкилотҳои маблағгузории хурд на танҳо воситаи муҳими паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва мусоидат ба рушди соҳибкории хурду миёна мебошанд, балки худашон зери таъсири хавфҳои мураккаби макроиқтисодӣ, бозорӣ ва амалиётӣ қарор доранд. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи «Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд» бениҳоят муҳим, саривақтӣ ва аз лиҳози илмию амалӣ арзишманд аст. Муаллифи рисола тавонистааст масъалаеро ба миён гузорад, ки ҳалли он ба мустаҳкам гардидани пояҳои устувории низоми молиявии кишвар мусоидат мекунад.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои дар автореферат овардашуда ба таҳлили амиқи оморӣ (солҳои 2016–2024), истифодаи усулҳои муосири иқтисодию математикӣ, моделсозӣ ва омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ асос ёфтаанд. Муаллиф ҳангоми таҳқиқот аз сарчашмаҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисоботи байналмилалӣ васеъ истифода бурдааст. Ин далелҳо шаҳодати эътимоднокии баланди хулосаҳои бадастомада мебошанд.

Муаллиф масъалаи хеҷиронидани хавфҳои асъорӣ ва истифодаи абзорҳои суғуртавиро ба таври илман асоснок баррасӣ кардааст.

Сканировано с CamScanner

Дар баробари он дастовардҳои илмии автореферат, инчунин баъзе камбудиҳо низ қой доранд:

1. Дар бахши таҳлили хавфҳои асъорӣ ва бозорӣ, муаллиф ба таври кофӣ ба масъалаи истифодаи воситаҳои ҳосилшудаи молиявӣ дар шароити бозори дохилии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ зоҳир накардааст.

2. Хавфҳои кибернетикӣ ва амнияти рақамӣ дар ТМХ бо дарназардошти рушди босуръати технологияҳои молиявӣ, метавонистанд ҳамчун банди алоҳида дар пешниҳодҳои кор бештар инъикос ёбанд.

Баъд аз омӯзиши ҳамаҷонибаи муҳтавои автореферат ба хулоса омадан мумкин аст, ки рисолаи илмӣ дар мавзӯи "Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд" ба талабот ва қоидаҳои тартиби додани дараҷаи илмӣ, пурра ҷавобгӯй буда, мулифи он Исоев Аслиддин Шамсуддинович барои гирифтани дараҷаи номзадӣ аз руӣ ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор аст.

Автореферати мазкур кори комили илмӣ буда, ба ҳамаи талаботи Комиссияи олии аттестатсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии дархостшуда аз рӯи ихтисоси марбута мебошад.

Муқарриз
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи кори бонкӣ
МДТ "ДДХ ба номи акад.Б. Ғафуров" Хамидова С.Х.

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кори бонкии МДТ "ДДХ ба номи акад.Б. Ғафуров" Хамидова С.Х.-ро «ТАСДИҚ» менамоям.

Муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "ДДХ ба номи акад.Б. Ғафуров" Наврӯзода Э.М.

Сканировано с CamScanner